Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31. 12соли2013, № 20/29
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ НАМУНАВИ ШУРОИ ПЕДАГОГИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи намунавии Шӯрои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.

1.2. Шӯрои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (минбаъд Шӯрои педагогӣ) мақоми асосии худидоракунӣ буда, фаъолияти раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ ба танзим медарорад.

1.З.Шӯрои педагогӣ мақоми роҳбарикунанда дошта, раисии он ба зиммаи .директори муассисаи таълимӣ гузошта мешавад.

1.4. Шӯрои педагогӣ ҷаласаи худро дар ду моҳ як маротиба доир намуда, ҳангоми зарурат ҷаласаи ғайринавбатӣ мегузаронад.

1.5. Шӯрои педагогӣ дар муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо на камтар аз 3 нафар омӯзГор фаъолият дорад, баргузор карда мешавад. Мактабҳои (синфҳои)камнуфус ва муассисаҳои таълимие, ки аз 3 омӯзгор кам доранд, бо фармоиши мудири маориф ба муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва ё миёнаи умумии наздиктарин вобаста карда мешаванд.

## 2. Ҳайати Шӯрои педагогӣ

2.1. Ҳайати Шӯрои педагогиро директори муассисаи таълимӣ, муовинони директор, омӯзгорон, мураббиён, равоншинос ва китобдор ташкил медиҳанд.

2.2. Ҳайати Шӯрои педагогӣ бо фармоиши директори муассисаи таълимӣ барои як соли таҳсил тасдиқ карда мешавад.

2.3. Шӯрои педагогӣ аз ҳисоби аъзоёни худ ба муҳлати як сол котиби ҷаласаи худро интихоб менамояд, ки вазифаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

2.4. Ба ҷаласаи Шӯрои педагогӣ ҳангоми зарурат раиси Ассотсиатсияи падару модарон ва сарпарастон низ даъват карда мешаванд.

## З.Вазифа ва салоҳиятҳои Шӯрои педагогӣ

3.1. Вазифаи асосии Шӯрои педагогӣ татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф, сафарбарсозии омӯзгорони муассисаи таълимӣ барои такмили мундариҷаи таълиму тарбия ва мусоидат намудан, дар таъмини сифати таҳсилот ба шумор меравад.

3.2. Шӯрои педагогӣ дар ҷаласаи худ рафти татбиқи қарорҳои ҳукумат ва барномаҳои давлатии марбут ба соҳа, амалишавии дастовардҳои илми

педагогика ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи муассисаи таълимӣ, тасдиқи нақшаи дурнамо ва солонаи фаъолияти муассиса, таъмини назорати дохилии муассисаи таълимӣ, муҳокимаи натиҷаи чорякҳо сатҳу сифати таҳсилотро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

3.3. Шӯрои педагогӣ масъалаҳои роҳ додани хонандагон ба аттестатсияҳои аз синф ба синфгузаштан ва хатм, бо сабабҳои объективӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зарурии пешниҳодшуда аз аттестатсияҳои аз синф ба синфгузаштан озод намудани хонандагон, ба синфи дигар гузаронидан ва ё такроран дар синф монондани хонандагон, додани ҳуҷҷати давлатӣ дар бораи хатми зинаҳои умумии асосӣ ва миёнаи умумии таҳсилотро дида баромада, қарорҳои дахлдор қабул менамояд.

3.4. Шӯрои педагогӣ вазифаҳои хизматии маъмурият ва вазифаҳои ҷамъиятии омӯзгоронро тасдиқ намуда, сарбории таълимӣ, тарификатсияи омӯзгорон, ташкили таълими иловагиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

3.5. Шӯрои педагогӣ масъалаи пешниҳод намудани довталабон ба Стипендияи президентӣ барои хонандагони болаёқат, стипендияҳои муқаррарнамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сарпарастон, инчунин озмунҳои фанниро муҳокима намуда, қарори дахлдор қабул менамояд.

3.6. Шӯрои педагогӣ омӯзгорони арзандаву шоиста, навовар ва эҷодкорро барои сазовор гардидан ба мукофотҳои хавасмандгардонӣ, соҳавӣ, давлатӣ ва озмунҳои касбӣ пешниҳод мекунад.

3.7. Дар Шӯрои педагогӣ ҳисоботи маъмурият, раиси Шӯрои методӣ, роҳбари гурӯҳи арзёбии сифати таҳсилот, мураббиёни (коромӯзи) мутахассисони ҷавон ва дигар масъалаҳои муҳимми таълиму тарбияро шунида муҳокима мекунад.

## 4. Тартиби фаъолияти Шӯрои педагогӣ

4.1. Шӯрои педагогӣ дар асоси нақшаи солонаи корӣ, ки тибқи нақшаи солонаи муассиса тартиб дода шудааст, фаъолият менамояд.

4.2. Қарорҳои Шӯрои педагогӣ бо овоздиҳии кушода дар сурати тарафдории аз 2/3 ҳиссаи иштирокдорон қабул карда мешавад. Дар ҳолати баробар будани овозҳо овози раиси Шӯро педагогӣ ҳалкунанда ҳисобида мешавад.

4.3. Қарорҳои Шӯрои педагогӣ бо фармоиши директор ба расмият даровардa мешавад.

4.4. Рафти иҷрои қарорҳои қабулшуда дар шӯроҳои навбатӣ ва ё ҷаласаи назди директор мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

4.1. Нусхаи қарорҳои Шӯрои педагогӣ дар хонаи муаллимон, кабинети методӣ ва ё гӯшаи методӣ насб карда шуда, ба роҳбарони иттиҳодияи методӣ барои маълумот ва иҷро дода мешавад.

## 5. Ҳуҷҷагнигории Шӯрои педагогӣ

5.1. Ҷаласаи Шӯрои педагогӣ бо протокол дарҷ шуда, доир ба

масъалаҳои баррасишаванда дар алоҳидагӣ қарор қабул карда мещавад.

5.2. Дар протоколи ҷаласа ҷараёни баррасӣ ва муҳокимаи масъала муфассал ва дар нусхаи он мухтасар қайд карда мешавад.

5.3. Протокол ва нусхаи ҷаласаи Шӯро бо имзои раис ва котиби Шӯро бо гузоштани муҳри муассисаи таълимӣ ба расмият даровarда мешавад.

5.4. Дар протокол ва қарори Шӯрои педагогӣ масъалаи роҳ додан ба аттестатсияи аз синф ба синфгузаронӣ, ба синфи дигар гузаронидан ва хатми зинаҳои таҳсилот хонандагон бо ному насаб дарҷ карда мешаванд.

5.5. Дафтари Шӯрои педагогӣ таноббандӣ ва саҳифагузорӣ карда шуда, дар охири он микдори саҳифа дарҷ гардида, муҳр гузошта мешавад.

5.6. Дафтари Шӯрои педагогӣ ҳангоми иваз шудани директор бо қабули санад супорида мешавад.

5.7. Рақамгузории протоколҳои Шӯрои педагогӣ аз ибтидои соли таҳсил оғоз мегардад.

5.8. Ҳангоми пур шудани дафтар он дар бойгонии муассисаи таълимӣ 50 сол маҳфуз ва сипас ба бойгонии шаҳр (ноҳия) супорида мешавад.